ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои таърих, профессор

_____________ Ибодуллозода А. И.
«____» ________________ соли 2026

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҳозира» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) дар кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович ҳамчун докторант PhD-и кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқотро дар кафедра ба анҷом расонидааст.

Мирзоев С. М. соли 2013 зинаи бакалаврро аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёт, соли 2015 зинаи магистратураро аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ ва соли 2020 зинаи докторантураи PhD-ро дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 31 октябри соли 2017, таҳти №3/8.4 зери унвони «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира» тасдиқ шудааст. Роҳбари илмии Мирзоев С.М. доктори илмҳои фалсафа, профессор Гулахмедов Мусамир таъин гардид.

Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар шурои диссертатсионии 6D. КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 29 июни соли 2023 мавзуи «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира» - ро ҳимоя намудааст. Бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) бекор ва дар ин асос рад карда шуд.

Бинобар сабаби фавти роҳбари илмии Мирзоев С.М. дар ҷаласаи шурои олимони донишгоҳ санаи 01. 10. 2024 таҳти №2/5.1(а) мушовири илмӣ доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд таъин гардид. Ҳамзамон мавзуи кори илмӣ бо тағйири ном бо унвони «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҳозира» такроран тасдиқ шудааст.

Фармоиш дар бораи хатми докторант PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ аз 15 июни соли 2020, таҳти №287 - ОД ба тавсиб расонида шудааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии С.М. Мирзоев дар мавзуи «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҳозира» аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи худ бо рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) мутобиқат мекунад. Дар кори диссертатсионӣ хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну муҳтавои худ ба самтҳои афзалиятноки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02.2025, №114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмиию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардидааст, мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур мафҳумҳои «сиёсати экологӣ», «Осиёи Марказӣ», «мушкилоти экологӣ», «ҳифзи муҳити зист» ва ғайра барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионии Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳо нашр гардидаанд. Интишороти довталаб вобаста ба мавзуи таҳқиқи илмии ӯ чоп шуда, аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мутобиқат мекунанд. Муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқи илмии худ 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба нашр расонидааст. Теъдоди интишороти Мирзоев С.М. ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар амалия ё имконияти татбиқи онҳо.** Хулосаҳо ва тавсияҳои бадастомада метавонанд дар ҳалли масъалаҳои зерин истифода бурда шаванд: ҷиҳати такмили минбаъдаи сиёсати минтақавии экологӣ; баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти ҳифзи муҳити зист таъмини амнияти экологӣ; рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ; коркарди стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ ҷиҳати коҳиш додани таъсири манфии тағйирёбии иқлим; такмили механизмҳои мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ; истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим аз фанҳои сиёсатшиносӣ, геополитика, низоъшиносӣ, минтақашиносӣ ва курсҳои махсус дар самти сиёсати экологӣ ва ғайра.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар ҳолатҳои зерин ифода меёбад:** а) муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, асоснок намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, таҳияи фарзияи илмӣ вобаста ба таъсири сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ; б) таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, муайян намудани дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва коркарди ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқот; в) истифода ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои иттилоотӣ, маводи оморӣ ва эмпирикӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда; г) таҳияи мақолаҳои илмӣ ва нашри онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, иштирок дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ; д) ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, таҳияи хулосаҳо ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили сиёсати экологӣ дар Осиёи Марказӣ; е) таҳияи матни диссертатсия бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва номгӯйи интишороти довталаб иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқоти диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидаанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[1–М]. Мирзоев С.М. Сиёсат ва ҳуқуқҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.М. Мирзоев // Гузоришҳои Академияи миллии

илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. - №1 (005). – С.103-107. ISSN 0002-0000

[2–М]. Мирзоев С.М. Сиёсат ва фарҳанги экологӣ [Матн] / М. Гулахмедов, С.М. Мирзоев, Г.А. Абдуназарова // Идоракунии давлатӣ. – 2020. –№1 [45] [01-02]. –С.150-157. ISSN 2664-0651

[3–М]. Мирзоев С.М. Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти экологии вобаста ба об [Матн] / С.М. Мирзоев // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. - №4 (012). – С.123-127. ISSN 2076-2569

[4–М]. Мирзоев С.М. Сиёсати экологӣ, моҳият ва принсипҳои асосии он [Матн] / С.М. Мирзоев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. - №1. С.159-162. ISSN 0235-005X

[5–М]. Мирзоев С.М. Сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / С.М. Мирзоев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. №2 (2). С.93-100. ISSN 2710-4672

[6–М]. Мирзоев С.М. Таснифоти сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / С.М. Мирзоев // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. №4. – С.302-309. ISSN 2413-5151

[7–М]. Мирзоев С.М. Роҳҳои ҳалли мушкилоти экологии вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ [Матн] С.М. Мирзоев // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №3 (57). –С.205-57. ISSN 2664-0651

[8–М]. Мирзоев С.М. Сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва таҳияи стратегияи ягонаи амал дар ин самт [Матн] / С.М. Мирзоев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2024. - №2-3 (14-15). – С.180-185. ISSN 2710-4672

[9–М]. Мирзоев С.М. Сиёсати экологӣ ва тарбияи экологӣ дар шароити муосири Тоҷикистон [Матн] / С.М. Мирзоев, // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – №3 (74) – С.150-157. ISSN 2664-0651

**II. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмӣ ва маҷмуаи маводди конференсияҳои ҷумҳуриявӣ**

[10 - М]. Мирзоев С.М. Хусусиятҳои сиёсати экологии вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ // Маводҳои конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ "Терроризм ва экстремизм падидаҳои хатарзои ҷомеаи муосир" (26-уми апрел, ш. Душанбе, 2019. С. 83-87).

[11 - М]. Мирзоев С.М. Саҳми Пешвои миллат дар ҳалли мушкилоти глобалии вобаста ба об // Маҷмуаи мақолаҳо аз конфренсияи илмию назариявии "Эмомалӣ Раҳмон ва ташаккули давлатдории миллии тоҷикон" (13-уми ноябр, н. Рӯдакӣ, 2019. С.106-109)

[12 - М]. Мирзоев, С. М. Ҳамбастагии сиёсати экологӣ бо сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат // Осиёи Марказӣ. Маҷаллаи илмӣ-назариявии

байналхалқии «GLOBALS CIENC EAN DINNOVATIONS 2020 CENTRAL ASIA».– Астана, 2020. №1 (12) ISSN 2664-2271 – С. 90 - 95.

[13 - М]. Мирзоев С.М. Моҳият ва хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ “Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои сиёсии ҷаҳон” (29-уми октябр, ш. Душанбе, 2021. С. 237-241).

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҳозира» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) кори илмии анҷомёфта ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҳозира» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда ва тавсияҳои пешниҳодшуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардидааст.

Дар маҷлис 12 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи № 8-и маҷлиси кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 18 феврали соли 2024.

Раиси маҷлис,
Мудири кафедраи умумидонишгоҳии
сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои сиёсӣ — Амиров Т.Ш.

Котиби маҷлис,
номзади илмҳои сиёсӣ — Ахиева С.М.

Имзоҳои Т.Ш. Амиров ва С.У. Ахиеваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода С.

*Суроғаи муассиса:*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел.: (+992 37) 224-13-83*
*E-mail: tgpu@mail.ru Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj*